АБДУВАЛӢ АБДУРАШИДОВ

# ОМӮЗИШИ АВЗОНИ ШЕЪР ВА МУСИҚӢ

## (Арӯз ва мусиқӣ)

*Нашри дуюм*
*Ислоҳшуда*

## ДАСТУРАМАЛИ ТАЪЛИМӢ

Душанбе - 2002

**Осорхонаи Гурминҷ**
**Мактаби мусиқӣ-эстетикӣ**
**Маркази мусиқии суннатии тоҷик "Наво"**

***АБДУВАЛӢ АБДУРАШИДОВ***

# ОМӮЗИШИ АВЗОНИ ШЕЪР ВА МУСИҚӢ

## (Арӯз ва мусиқӣ)

***Нашри дуюм***
***Ислоҳшуда***

**ДАСТУРАМАЛИ ТАЪЛИМӢ**

**ДУШАНБЕ – 2002**

Абдурашидов Абдувалӣ. Омӯзиши авзони шеър ва мусиқӣ (арӯз ва мусиқӣ). Дастурамали таълимӣ.Нашри дуюм,ислоҳшуда -Душанбе: 2002, -52 саҳ.

Дастурамали таълимии “Омӯзиши авзони шеър ва мусиқӣ”(арӯз ва мусиқӣ) аз ҷониби номзади илмҳои санъатшиносӣ Абдувалӣ Абдурашидов дар асоси хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқу омӯзиши илми арӯз дар матни зарбҳои мусиқӣ ва таҷрибаи шашсолаи тадриси фанни мазкур дар назди Маркази мусиқии суннатии тоҷик “Наво” тартиб дода шудааст.

Дар таърихи назмшиносӣ ва мусиқишиносии муосири тоҷик бори аввал аст, ки арӯз дар матни зарбҳои мусиқӣ таҳқиқ шуда, хулосаҳои назарӣ ва амалии он дар шакли дастурамали таълимӣ мураттаб мегардад.

Дастурамали мазкур барои устодон ва толибилмони мактабҳои хусусии фарҳангӣ ва ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин барои аҳли илму ҳунар ва ҳамаи шавқмандони назму мусиқии суннатии тоҷик, ки аз пайванди шеър, арӯз ва мусиқӣ ошно шудани ҳастанд, таҳия шудааст.

Муҳаррирон: Доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Файзулло Кароматов,
Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Абдулқодир Маниёзов

Муқарризон: Доктори илми филология, профессор Урватулло Тоиров,
Устоди Маркази мусиқии суннатии тоҷик “Наво”,
арӯзшиноси ҷавон ва умедбахш Тоҳирҷон Аюбов

Дастурамали мазкур бо дастгирии Оҷонсии Швейсария баҳри ҳамкорӣ ва тараққиёт ба табъ расидааст.

© Абдурашидов А.

## Сарсухан

Дастурамали таълимии “Омӯзиши авзони шеър ва мусиқӣ” (арӯз ва мусиқӣ) барои мактабу таълимгоҳҳои хусусии фарҳангӣ ва ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дастурамали мазкур метавонад дар дигар мактабҳо низ истифода бурда шавад, ва дар баробари дигар фанҳо ҳамчун қисми таркибии таълимӣ дар тарбияи донишу ҳунари касбии толибилмон ширкат намояд.

**Мақсади асосии барнома:**
1. Омӯзиши авзони шеър дар матни зарбҳои мусиқӣ;
2. Тарбияи толибилмон ба фаолияти эҷоди касбии назму мусиқӣ;

**Вазифаҳои асосии фанни мазкур:**
1. Омӯзиши асосҳои ташаккули зарби мусиқии суннатӣ;
2. Омӯзиши асосҳои арӯз (авзони шеър) дар матни зарбҳои мусиқӣ;
3. Омӯзиши таҳлили касбии авзони шеър;
4. Омӯзиши таҳлили касбии мусиқии (сурудҳои) суннатӣ;
5. Омӯзиши таносуб ва сохтори авзони шеър дар матни усулҳои мусиқӣ, аз ҷумла, усулҳои мусиқии классикӣ “Шашмақом”;
6. Омӯзиши эҷоди шеър ва мусиқӣ (суруд).

Дар ҷараёни омӯзиши фанни мазкур толибилмон мебояд ҷиҳатҳои эҷоди назму мусиқии суннатӣ, малакаи назарӣ ва амалии зайлро ба даст оранд, аз ҷумла:
- Муайян намудани авзони шеър ва зарби мусиқии он;
- Муайян намудани манбаъ ва асли ташаккули авзони шеър;
- Шарҳи усули ташаккули авзони шеър дар матни давоири зарбӣ;
- Сурудани шеър дар матни зарби аслии хеш;
- Сурудани шеър дар матни зарбҳои гуногуни мусиқии суннатӣ;
- Сурудани мусиқӣ дар матни зарби аслии авзони шеър;
- Дар матни як усули мусиқӣ сурудани шеърҳои гуногунвазн;
- Дар матни як вазни шеър сурудани мусиқии гуногунзарб;
- Эҷоди суруд дар матни зарби аслии авзони шеър;
- Эҷоди суруд дар матни як вазни шеър бо зарбҳои гуногун;
- Дар матни яке аз вазнҳои арӯз бадоҳатан эҷод намудани шеър ва суруд.

**Натиҷаҳои асосии назарию амалӣ дар самтҳои зерин мушоҳида мешавад:**
- Инкишофи забон, нутқ ва фикронии хонанда;
- Инкишофи хотираи назму мусиқӣ;
- Инкишофи малакаи сурудани шеъру мусиқӣ;
- Инкишофи малакаи эҷоди шеъру мусиқӣ;
- Инкишофи қобилият ва эҳсоси назму мусиқӣ;
- Инкишофи эҳсоси зарби шеър ва мусиқӣ;
- Инкишофи дониши назарӣ ва амалии назму мусиқии суннатии тоҷик ва авзони арӯз.

Омӯзиши фанни мазкур дар мактабу таълимгоҳҳои хусусии фарҳанги ва ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барнома дар муддати 2 сол (144 соат) пешбинӣ шудааст.

## НАҚШАИ МАВЗӮЪҲО

***Соли якуми хониш:***

| № | Унвони мавзӯъҳо | Меъёри соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Гузориш** | **Баҳс** | **Амал** |
| | **Қисми 1. Арӯз ва мусиқӣ** | **Нимсолаи 1:** | | |
| 1. | Таърихи бунёди илми арӯз | 1 | | |
| 2. | Нақши илми арӯз дар бунёди эҷоди касбии назму мусиқии классикии тоҷикӣ-форсӣ | 1 | | |
| 3. | Олимони қадим ва муосир дар бораи инкишофи илми арӯз | 1 | | |
| 4. | Ташаккули системи авзони арӯз дар матни зарбҳои мусиқӣ (арӯз ва мусиқӣ; каломи мавзун) | 1 | | |
| | **Қисми 2. Садои мусиқӣ (савт) ва тарзи навиштани он бо аломати нот** | | | |
| 1. | Мафҳуми садо (савт); кашиши садоҳо ва сукутҳо | 2 | 1 | |
| 2. | Хатти иттиҳод (васл) ва нуқта | 2 | 1 | |
| 3. | Вазн, мизон, касри мизон (мизонбанд), хатти мизон | 2 | 2 | |
| 4. | Мизонҳои содда, таркибӣ ва омехта | 2 | 2 | 2 |
| 5. | Зарб ва усул | 2 | 4 | 2 |
| 6. | Доира ва даврҳои зарбӣ | 2 | 4 | 2 |
| | **Ҳамагӣ: 36 соат** | **16** | **14** | **6** |
| | **Қисми 3. Зарби шеъру мусиқӣ** | **Нимсолаи 2:** | | |
| 1. | Мавқеъи зарби мусиқӣ дар ташаккули авзони арӯз (таносуби зарб ва вазн) | 2 | | |
| 2. | Ташаккули тафъилаҳои авзони арӯз (феъли “фа-ъа-ла”-и забони арабӣ) | 2 | | |
| 3. | Қонуни ташкилёбии ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳи шеър | 2 | 2 | |
| 4. | Усули ташаккули доира ва даври зарбӣ | 2 | | |
| 5. | Фактураи зарбӣ (усул,зарб,вазн,шеър) | 2 | 2 | |
| 6. | Композитсияи зарбӣ (мизон, рукн, давр, баҳр, истҳо ва ғ.) | 2 | 2 | |
| 7. | Усули ташаккули авзони (буҳури) арӯз; истҳои зарбӣ | 2 | 2 | |
| | **Қисми 4. Давоири зарбӣ ва авзони арӯз (таъсиси баҳрҳои арӯз)** | | | |
| 1. | Давоири “Аслӣ” – Мӯъталифа, Муҷталиба ва Мунфарида | 2 | | |
| 2. | Доираи 1. Мӯъталифа - ташаккули баҳрҳои Вофир ва Комил | 2 | 2 | |
| 3. | Доираи 2. Муҷталиба (Мӯъталифа) - ташаккули баҳрҳои Ҳазаҷ,Рамал,Раҷаз (Рукни 4.) | 2 | 2 | |
| 4. | Доираи 3. Мунфарида (Муттафиқа) - ташаккули баҳрҳои Мутақориб ва Мутадорик: (нақшаҳои баҳрҳои арӯзӣ) | 2 | 2 | |
| | **Ҳамагӣ: 36 соат** | **22** | **14** | |
| | **Солона: 72 соат** | | | |

*Соли дуюми хониш:*

| № | Унвони мавзӯъҳо | Меъёри соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Гузориш | Баҳс | Амал |
| | **Қисми 5. Таҳлил, сурудан ва эҷоди шеър** | **Нимсолаи 1:** | | |
| 1. | Таҳлили матни шеър | 2 | 4 | 6 |
| 2. | Сурудани шеър | 2 | 4 | 6 |
| 3. | Эҷоди шеър | 2 | 4 | 6 |
| | **Ҳамагӣ: 36 соат** | **6** | **12** | **18** |
| | **Қисми 6. Таҳлил, сурудан ва эҷоди мусиқӣ** | **Нимсолаи 2:** | | |
| 1. | Таҳлили мусиқӣ (сурудҳо) | | | |
| | 1. Мусиқии муосир | 1 | 1 | 2 |
| | 2. Мусиқии халқӣ | 1 | 1 | 2 |
| | 3. Мусиқии классикӣ | 1 | 1 | 2 |
| 2. | Сурудани шеър дар матни зарби аслӣ | 2 | 2 | 2 |
| 3. | Сурудани шеър дар матни зарбҳои гуногун | 2 | 2 | 2 |
| 4. | Эҷоди мусиқӣ (суруд) | | | |
| | 1. Дар матни зарби аслии вазни шеър | 2 | 2 | 2 |
| | 2. Дар матни зарбҳои гуногуни мусиқӣ | 2 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ: 36 соат** | **11** | **11** | **14** |
| | **Солона 72 соат** | | | |
| | **Дар маҷмӯъи 2 соли хониш – ҳамагӣ 144 соат** | | | |

Санчиши донишҳои хонандагон дар шакли имтиҳон ва ё семинори назарӣ ва амалӣ дар охири нимсолаи ҳар соли хониш бо иштироки арӯзшиносон, мусиқишиносон, шоирон ва бастакорон бояд гузаронида шавад.

## ***МАЗМУНИ МУХТАСАРИ МАВЗӮЪҲО***

**Соли якуми хониш**
**Нимсолаи 1.**

**Кисми 1. Арӯз ва мусиқӣ**

– Таърихи бунёди илми арӯз, асосгузори он – Халил ибни Аҳмад, олими араб, донишманди забон, адабиёт ва мусиқӣ; бунёди эҷоди касбии назму мусиқии классикии Шарқ , аз ҷумла, тоҷику форс; шоирони классикии тоҷику форс – Рудакӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва диг.
– Олимон, арӯзиёни аҷам дар асрҳои X-XIII (Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ, Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ ва диг.), идомаи рушди системи авзони арӯз "мусаддасот" – доираҳои сезарба: Мунғалата, Мунъалиқа, Мунъакиса; рисолаҳои арузии баъди асри XIII – таълифоти Ҷомӣ, Навоӣ, Бобур, Ваҳиди Табрезӣ, Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин ва диг.
– Форобӣ, Сино, Урмавӣ, Мароғӣ, Биноӣ, Ҷомӣ, Дарвешалӣ ва диг.; шарҳи "Адвор", арӯз ва иқоъ, таҳқиқ ва рушди илми арӯз ва иқоъ, арӯз дар матни зарбҳои мусиқӣ;
– Арӯзшиносони муосир – Сирус, Ҳусейнзода, Зеҳнӣ, Маниёзов, Зуҳуриддинов,Тоиров, Давронов, Киром Остон ва диг., маъводҳои илмию таълимӣ оид ба илми арӯз.
– Эҷоди назми халқӣ ва муосири тоҷик, шеъри халқӣ – "ҳиҷоӣ", шеърҳои "сафед" ва "озод" – шикасти қолибҳои қадимаи шеърнависӣ, сабабҳо.

**Адабиёт:**


1. Абдулқодир бини Ғайбӣ Ҳофизи Мароғӣ. Шарҳи адвор (бо матни адвор ва Заво'ид-ул-фаво'ид ). Бо эҳтимоми Тақии Биниш, Теҳрон, Маркази нашри донишгоҳӣ, 1991, -458 саҳ.
2. Абдурахман Джами. Трактат о музыке (перевод с персидского А.Болдырева, редакция и комментарии В.М.Беляева). –Ташкент: Изд-во АН Уз.ССР, 1960. 50-64 стр.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷ.8. "Рисолаи арӯз", "Рисолаи мусиқӣ".Мураттиб Абӯбакр Зуҳуриддинов. Душанбе.; Адиб, 1990. – аз саҳ.151 то 266.
4. Атоулло Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. –Душанбе: Ирфон,1974, 222 с.
5. Вахид Табрӣзӣ. Джам'-и Мухтасар (Трактат о поэтике). Критический текст, перевод и примечания А.Е.Бертельса. М.; Изд-во восточной литературы, 1959. -158 с.
6. Давронов Субҳон. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ. –Душанбе: Дониш,1974. –164 с.
7. Давронов Субҳон. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. –Душанбе: Маориф,1992. 176 с.
8. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан (нашри 2). – Душанбе; Маориф, 1992. – 302 с.
9. Маниёзов А. Барномаи таълими фанни назмшиносии тоҷик (барои шӯъбаи актёри драма ва кино). Душанбе.; 1993.
10. Мусулмонкулов Р. Персидско-таджикская поэтика (X-XVвв.). – М.:Наука,1989. –240 с.
11. Муҳаммад Ғиёсуддин, Ғиёс-ул-луғот, таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. –Душанбе: Адиб, ҷ.1. (1987), ҷ.2 (1988), ҷ.3 (1989).
12. Назаров А. Фаробий ва ибн Сино мусиқий ритмика хусусида (мумтоз ийқоъ назарияси). –Тошкент: Ғафур Ғулом, 1995. –131 с.
13. Насируддини Тусӣ. Меъёр-ул-ашъор, -Душанбе, "Ориёно",1992. 152 саҳ.
14. Сирус Баҳром. Арӯзи тоҷикӣ. –Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. –288 с.
15. Тоиров Урватулло. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. –Душанбе: Маориф, 1991, 560 с.
16. Тоиров Урватулло. Қомуси қофия ва арӯзи шеъри аҷам. –Душанбе: Ҷ.1. Ирфон,1994. –512 саҳ.
17. Фролов Д.В. Классический арабский стих. История и теория аруда. –М.: Наука,1991. -359 с.

18. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам (муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. –Душанбе: Адиб, 1991. –464 с.
19. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.-ҳои 1 ва 2. –Душанбе, 1988,1989.

**Қисми 2. Садои мусиқӣ (савт) ва тарзи навишти он бо аломати нот**

– Мафҳуми садо (савт), кашиши (имтидоди) садоҳо ва сукутҳо, воҳидҳо ва таносуби замони онҳо: арзиши нотҳо ва сукутҳо:
(Ба устодон шарҳи ҷадвалҳои овардашударо барои хонандагон тавсия менамоем):

Ҷадвали № 1.

| № | Номҳои садо (нот) ва сукутҳо | | Навъи воҳидҳо ва кашиши онҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | садо (нот) | сукут |
| 1. | Бутун | (1) | 𝅝 | 𝄻 |
| 2. | Ним | (1/2) | 𝅗𝅥 | 𝄼 |
| 3. | Чоряк | (1/4) | ♩ | 𝄽 |
| 4. | Ҳаштяк | (1/8) | ♪ | 𝄾 |
| 5. | Шонздаҳяк | (1/16) | 𝅘𝅥𝅯 | 𝄿 |
| 6. | 32-як | (1/32) | 𝅘𝅥𝅰 | 𝅀 |
| 7. | 64-як | (1/64) | 𝅘𝅥𝅱 | 𝅁 |

Ҷадвали № 2.



Ҷадвали № 3.



– Хатти иттиҳод (ё васл); ишораи шартӣ ⁀:

Хатти иттиҳод дар боло ё поёни 2 ноти ҳамном ва ҳамсадо гузошта мешавад ва кашиши он 2 нотро бо якдигар муттаҳид мекунад ва дар натиҷа 2 воҳиди зарби мусиқӣ ба як воҳиди зарбӣ мубаддал мегардад:

𝅘𝅥𝅮⁀𝅘𝅥𝅮 = 𝅘𝅥;  𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅯 = 𝅘𝅥𝅮:  𝅗𝅥⁀𝅗𝅥 = 𝅝

Нуқта ва хатти иттиҳод (васл):

Агар нуқта дар самти рости нот ё сукуте қарор гирад, нисфи замон бар кашиши он нот ё сукут изофа мешавад:

| № | Нуқта | Натиҷаи афзоиш | Тавассути хатти иттиҳод (васл) |
|---|---|---|---|
| 1. | 𝅝.<br>–. | 𝅝 + 𝅗𝅥<br>– + – | 𝅝⁀𝅗𝅥 (ё 𝅗𝅥⁀𝅗𝅥⁀𝅗𝅥)<br>– – (ё – – –) |
| 2. | 𝅗𝅥.<br>–. | 𝅗𝅥 + 𝅘𝅥<br>– + 𝄽 | 𝅗𝅥⁀𝅘𝅥 (ё 𝅘𝅥⁀𝅘𝅥⁀𝅘𝅥)<br>– 𝄽 (ё 𝄽 𝄽 𝄽) |
| 3. | 𝅘𝅥.<br>𝄽. | 𝅘𝅥 + 𝅘𝅥𝅮<br>𝄽 + 𝄾 | 𝅘𝅥⁀𝅘𝅥𝅮 (ё 𝅘𝅥𝅮⁀𝅘𝅥𝅮⁀𝅘𝅥𝅮)<br>𝄽 𝄾 (ё 𝄾 𝄾 𝄾) |
| 4. | 𝅘𝅥𝅮.<br>𝄾. | 𝅘𝅥𝅮 + 𝅘𝅥𝅯<br>𝄾 + 𝄿 | 𝅘𝅥𝅮⁀𝅘𝅥𝅯 (ё 𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅯)<br>𝄾 𝄿 (ё 𝄿 𝄿 𝄿) |

Ду нуқта:

Агар дар самти рости нот ё сукуте ду нуқта гузошта шавад, нуқтаи аввал ба андозаи нисфи замон ва нуқтаи дуюм ба андозаи чоряки (1/4) замон ба арзиши кашиши он нот ва ё сукут меафзояд:

| № | Ду нуқта | Натичаи афзоиш | Тавассути хатти иттиҳод |
|---|---|---|---|
| 1. | 𝅝.. <br> 𝄻.. | 𝅝 + 𝅗𝅥 + ♩ <br> 𝄻 + 𝄼 + 𝄽 | 𝅝⁀𝅗𝅥⁀♩ (ё 𝅗𝅥⁀𝅗𝅥⁀𝅗𝅥⁀♩) |
| 2. | 𝅗𝅥.. <br> 𝄼.. | 𝅗𝅥 + ♩ + ♪ <br> 𝄼 + 𝄽 + 𝄾 | 𝅗𝅥⁀♩⁀♪ (ё ♩⁀♩⁀♩⁀♪) |
| 3. | ♩.. <br> 𝄽.. | ♩ + ♪ + 𝅘𝅥𝅯 <br> 𝄽 + 𝄾 + 𝄿 | ♩⁀♪⁀𝅘𝅥𝅯 (ё ♪⁀♪⁀♪⁀𝅘𝅥𝅯) |
| 4. | ♪.. <br> 𝄾.. | ♪ + 𝅘𝅥𝅯 + 𝅘𝅥𝅰 <br> 𝄾 + 𝄿 + 𝅀 | ♪⁀𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅰 (ё 𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅯⁀𝅘𝅥𝅰) |

– Вазн (ритм); иқоъ:
Паиҳам бо таносуб омадани садоҳои давомнокро *вазн* (ритм) меноманд.
Дар мусиқӣ таносуби садоҳои давомнок шакл мегирад, ки дар натича байни онҳо таносуби замонҳои гуногун ташаккул меёбанд. Садоҳои гуногунзамон дар низоми муайян чамъ омада, гурӯҳи вазнро таъсис медиҳанд, ки дар заминаи он шакли умумии вазни мусиқӣ фароҳам меоянд.

– Мизон, касри мизон (мизонбанд) ва хатти мизон:
Дар мусиқӣ садоҳо дар матни замон (вақт) ташаккул меёбанд. Баъзе аз садоҳо бо "таъкиди" доимӣ нисбати дигар садоҳо фарқ мекунад. Чунин садоҳои "таъкидӣ"-ро *зада* меноманд.

Садоҳоеро, ки дорои чунин зада ҳастанд, *зарбҳои қавӣ* меноманд (ишораи шартӣ: _ ). Садоҳоеро, ки дорои чунин зада нестанд, *зарбҳои заъиф* меноманд:

қавӣ заъиф қавӣ заъиф заъиф

2/4 ♩ ♩ | ♩ ♪ ♪ |

Мунтаззам паиҳам омадани зарбҳои қавӣ ва заъифро *мизон* меноманд. Мизонҳоро бо адади касрӣ ба номи *касри мизон (ё мизонбанд)* мушаххас мекунанд. Дар мизонҳои содда *сурати каср* маъаррифи теъдоди зарб аст ва *махрачи каср* бошад шакли зарбро маълум мекунад. Масалан, касри 3/4 муъаррифи мизони сезарбист, ки ҳар зарби он бо як ноти чоряк баробар меояд:




Дар расмулхатти мусиқӣ мизонҳо аз якдигар бо *хатти қо'имӣ* ҷудо мешаванд, ки онро *хатти мизон* меноманд. Хатти мизон пеш аз зарби қавӣ гузошта мешавад ба хотире, ки онро нисбатан ҷудо намояд.




Бо зарби заъиф шурӯъ шудани мусиқиро *пешмизон* меноманд:




Мизонҳо ба се даста тақсим мешаванд: *мизонҳои содда*, *таркибӣ* ва *омехта*:

**Мизони содда:**

Мизоне, ки зарби задаи он як дар миён меояд ва онро мизони дузарба низ меноманд. Ва мизоне, ки зарби задаи он ду дар миён меояд, онро мизони сезарба меноманд. Мизонҳои 2 зарбаву 3 зарбаро аз сабаби он ки танҳо 1 зарби қавӣ доранд, мизонҳои содда меноманд. Мизонбандҳои содда: (2/2;2/4;2/8: 3/2;3/4;3/8:):







**Мизони таркибӣ:**

Ба ҳам омадани ду мизони содда мизони таркибиро ташкил менамояд. Яъне, мизони таркибӣ аз ду ё се мизони содда иборат мебошад. Аз ин сабаб ҳам дар мизонҳои таркибӣ ду ва ё аз он ҳам зиёд зарбҳои зада мавҷуданд. Миқдори зарбҳои зада дар мизонҳои таркибӣ ба миқдори мизонҳои содда, ки бо ҳам меоянд, вобаста аст.

Задаи зарби аввали мизони таркибӣ нисбат ба дигар зарбҳо қавитар мебошад ва аз ин рӯ зарби мазкур зарби қавӣ ном дорад ва дигар зарбҳоеро, ки задаи мутавассит доранд, зарби нимқавӣ (ё мутавассит) меноманд. Маъмултарин мизонбандҳое, ки мизони таркибиро ташаккул медиҳанд, инҳоянд:

1) Мизонбандҳои чорзарба: 4/4;
2) Мизонбандҳои шашзарба: 6/4; 6/8; ва ғ.

| 4/4 ♩ ♩ ♩ ♩ ♩ ♪ ♪ ♩ ♪ ♪ | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Касри мизон (мизонбанд) | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Хатти мизон | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Зарби заъиф | Хатти мизон |

| 6/8 ♩ ♪ ♪ ♩ ♪ ♪ ♩ | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мизонбанди таркибӣ | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Хатти мизон | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Хатти мизон |

**Мизони омехта:**

Ба ҳам омадани ду ва ё се мизони соддаи ҳархела (гуногунҷинс) мизони омехтаро ташкил медиҳад. Мизони омехта аз мизони таркибӣ бо баъзе ҷиҳатҳо фарқ мекунад:

1. Ташаккули мизонҳои омехта ба паиҳам омадани мизонҳои содда вобаста аст, ки он ба паиҳам омадани зарбҳои қавӣ ва нимқавӣ низ таъсир мебахшад.
2. Паиҳам омадани зарбҳои қавӣ ва нимқавии мизони омехта баробар нестанд:

7/8 (3/8+4/8) ♩̄ ♪ ♩̄ ♪ ♪̄ ♪ ♪ ♩̄ ♪ ♪

| 7/8 ♩ ♪ ♩ ♩ ♩ ♪ ♩ ♪ ♪ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мизонбанди омехта | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Хатти мизон | Зарби қавӣ | Зарби заъиф | Зарби нимқавӣ | Зарби заъиф | Зарби заъиф | Хатти мизон |

– Зарб ва усул; воҳидҳои зарб (чоряк ва ҳаштяк), ки дар матни сохтори зарбу усул дида мешаванд: атонини зарб: чоряк – тан, тин (нан, нин); ҳаштяк – та (на); зир ва бами (бакобуми) усул: чоряк - бум (бак); ҳаштяк – бу, ба (ко, ка):

а) б)

Зарб: 7/8 

тан-на тан-нан тан-на тан -та-на

Усул: 7/8 

бум-ба-бум-бак бум-ба-бум-ба-ка

– Ташаккули доира ва даври зарбӣ, доираи зарбӣ – усул ва сохти зарби мустақил, таъсиси зарб дар матни усул; ташаккули даври зарбӣ дар матни доираи зарбӣ; даврҳои зарбӣ дар матни ҳар як зарби доира таъсис меёбанд;

<u>Доираи усули “Уфар”</u>

Зарб: 6/8 

тан-на та-нан

Усул: 6/8 

бум-ба-ко-бак

<u>Адвори доираи усули “Уфар”:</u>

| Адвор | Сохти адвор |
|---|---|
| Даври 1. | 6/8  тан-на та-нан тан-на та-нан |
| Даври 2. | 6/8  на-та-нан тан на-та-нан тан |
| Даври 3. | 6/8  та-нан тан-на та-нан тан-на |
| Даври 4. | 6/8  нан тан-на-та нан тан-на-та |
| Шакли шикастаи даври 4. | 6/8  нан тан-на та-нан тан-на та |
| Усул: | 6/8  бум-ба-ко-бак бум-ба-ко-бак бум-ба-ко-бак |

**Шакли шикастаи даври 4.:**

Шакли асосии даври 4 тибқи қоидаи мусиқӣ амал карда наметавонад, зеро зарби чоруми он зарби зада буда, дар охири гурӯҳи зарбӣ арз карда наметавонад. Аз ин рӯ зарби охири ин гурӯҳ тибқи қоида ба гурӯҳи оянда гузашта, арзи зарби аввали онро иҷро менамояд. Дар натиҷа мафҳуми зарби даври 4 иваз мешавад ва ба унвони шакли шикастаи даври 4 (ШШД4) арз менамояд.

**Адабиёт:**


1. Абдурашидов Абдувалӣ. Асосҳои ташаккули давоири авзони арӯз дар матни зарби мусиқӣ. –Душанбе: 1994. (дастхат) – 316 с.
2. Вахромеев В.А. Элементарная теория музыки. (6-е изд. исправленное и дополненное). М.; Изд. “Музыка”, 1971. –232 с.
3. Мустафо Камоли Пуртуроб. Теории мусиқӣ. Теҳрон, Нашри Чашма, 1373. – 114 саҳ.
4. Ҳусейналии Маллоҳ. Пайванди мусиқӣ ва шеър.Теҳрон. Нашри Фазо, 1367. –260 саҳ.


**Имтиҳон:**

*Саволҳо:*

1. Асосгузори илми арӯз?
2. Зарурати пайдоиши илми арӯз?
3. Нақши илми арӯз дар бунёди эҷоди касбии ашъори классикии тоҷику форс?
4. Муҳаққиқон ва арӯзиёни аҷам?
5. Олимон ва арӯзшиносони муосири тоҷик?
6. Шеъри “ҳиҷоӣ”, “арӯзӣ”, “озод” ва “сафед”?
7. Робитаи зарби мусиқӣ бо авзони шеър?
8. Илми иқоъ?
9. Мафҳуми вазни (ритм) мусиқӣ?
10. Воҳидҳои зарби мусиқӣ?
11. Анвоъи кашишҳои садо ва сукут?
12. Мизон, хатти мизон ва мизонбанд?
13. Мизонҳои содда, таркибӣ ва омехта?
14. Доира ва даври зарбӣ?
13. Таносуби усул ва зарб, ва тафовути онҳо?

**Нимсолаи 2.**

**Қисми 3. Зарби шеъру мусиқӣ**

– Таносуби зарби мусиқӣ ва авзони арӯз, афоили авзон ва атонини зарби (мизроби) мусиқӣ (иқоъ); ҳиҷо ва воҳидҳои зарбӣ (никра):

1. Афоъили авзон: (фо-ъи-ло-тун, ма-фо-ъӣ-лон, мус-таф-ъи-лун, маф-ъӯ-ло-ту ва ғ.)

| | | |
|---|---|---|
| а) ҳиҷоҳои кӯтоҳ: (ним ҳиҷо) | 1. дар аввал: | фа, ма, му |
| | 2. дар байн: | та, ъи, ъу, ла, ли |
| | 3. дар охир: | ту, лу, йу (ю) |
| б) ҳиҷоҳои дароз: (як ҳиҷо) | 1. дар аввал: | фаъ, фо, муф, маф, мус |
| | 2. дар байн: | фо, таф, ъӣ, ъӯ, ло |
| | 3. дар охир: | тун, лун, ъал |
| в) ҳиҷоҳои кашида (якуним ҳиҷо) | 1. танҳо дар охир: | фоъ, лон, тон, ён, ъӯл. |

2. Атонини зарб; (тан-на тан нан; на-тан нан тан; тан нан тан-на; нан тан-на тан):

Анвоъи воҳидҳои атонини зарб ва мизроб:

1. нимҳиҷо = та (на);
2. як ҳиҷо = тан (нан);
3. якуним ҳиҷо = тон (нон), ё дар охир - тин (нин):

Анвоъи зарб [зарбҳои рост – ростзарб (зада, нимзада) ва чап – чапзарб (безада)];

а) ростзарб: тан ва та (мисол: тан-на тан нан; тан нан тан-на)

б) чапзарб: нан ва на (мисол: на-тан нан тан; нан тан-на тан)

| 1. Ростзарб | 2. Чапзарб |
|---|---|
| 7/8 ♩ ♪ ♩ ♩ | 7/8 ♪ ♩ ♩ ♩ |
| тан-на тан нан | на-тан нан тан |

3. Аркони иқоъ (зарб) ва вазн:

а) иқоъ (т-а-н) тан-на тан; б) вазн (фа-ъа-ла) фо-ъи-лун;

Ташаккули аркони иқоъ:

| № | Иқоъ (зарб) | Аркон | Анонин | | Афоъили арӯз | Ҳиҷои шеър | Ноти мусиқӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ростзарб | Чапзарб | | | |
| 1. | Сабаб | сақил | та-на | на-та | v v<br>му-та, фа-ъи | 2 ҳиҷои кӯтоҳ | ♪♪ |
| | | хафиф | тан | нан | —<br>1. фаъ, фо, муф, маф, мус<br>2. фо, таф, ъй, ъӯ, ло<br>3. тун, лун, ъал | 1 ҳиҷои дароз (баланд) | ♩ |
| 2. | Ватад | маҷмӯъ | та-нан | на-тан | v —<br>ма-фо, фа-ъӯ ъи-ло,ъи-лун | 1 ҳиҷои кӯтоҳ ва 1 ҳиҷои дароз | ♪♩ |
| | | мафрук | тан-на | нан-та | — v<br>фо-ъи, таф-ъи ъӯ-лу, ъй-лу. ло-ту. | 1 ҳиҷои дароз ва 1 ҳиҷои кӯтоҳ | ♩♪ |
| 3. | Фосила | суғро | та-на тан | на-та-нан | v v —<br>фа-ъи-ло, му-та-фо | 2 ҳиҷои кӯтоҳ ва 1 ҳиҷои дароз | ♪♪♩ |
| | | кубро | та-на-та-нан | на-та-на-тан | v v v —<br>му-та-фа-ъил, фа-ъи-ла-тун | 3 ҳиҷои кӯтоҳ ва 1 ҳиҷои дароз | ♪♪♪♩ |

## Аркони арӯз дар матни ҳиҷо:

| № | Анвоъи ҳиҷо | Аркони арӯз | Ишораи аркон | Ишораи мусиқӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 ҳиҷоӣ | фаъ | — | ♩ |
| 2. | 2 ҳиҷоӣ | фа-ъал | v — | ♪ ♩ |
| | | фаъ-лун | — — | ♩ ♩ |
| 3. | 3 ҳиҷоӣ | фа-ъи-лун<br>му-та-фо | v v — | ♪ ♪ ♩ |
| | | фо-ъи-лун | — v — | ♩ ♪ ♩ |
| | | фа-ъӯ-лун | v — — | ♪ ♩ ♩ |
| | | маф-ъӯ-лун | — — — | 1. ♩ ♪‿♪ ♩<br>2. ♪‿♪ ♩ ♩<br>3. ♩ ♩ ♪‿♪ |
| | | маф-ъӯ-лу | — — v | ♩ ♩ ♪ |
| 4. | 4 ҳиҷоӣ | фо-ъи-ло-тун | — v — — | ♩ ♪ ♩ ♩ |
| | | фо-ъи-ло-ту | — v — v | ♩ ♪ ♩ ♪ |
| | | фа-ъи-ло-тун | v v — — | ♪ ♪ ♩ ♩ |
| | | фа-ъи-ло-ту | v v — v | ♪ ♪ ♩ ♪ |
| | | ма-фо-ъӣ-лун | v — — — | ♪ ♩ ♩ ♩ |
| | | ма-фо-ъӣ-лу | v — — v | ♪ ♩ ♩ ♪ |
| | | ма-фо-ъи-лун | v — v — | ♪ ♩ ♪ ♩ |
| | | мус-таф-ъи-лун | — — v — | ♩ ♩ ♪ ♩ |

| № | Анвоъи ҳиҷо | Аркони арӯз | Ишораи аркон | Ишораи мусиқӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | мус-таф-ъи-лу | — — v v | ♩ ♩ ♪ ♪ |
| | | муф-та-ъи-лун | — v v — | ♩ ♪ ♪ ♩ |
| | | | | 1. ♩ ♪⌢♪ ♩ ♩ |
| | | маф-ъӯ-ло-тун | — — — — | 2. ♪⌢♪ ♩ ♩ ♩ |
| | | | | 3. ♩ ♩ ♩ ♪⌢♪ |
| 5. | 5 ҳиҷоӣ | фо-ъи-ли-йо-тун | — v — — — | ♩ ♪ ♩ ♩ ♩ |
| | | мус-таф-ъи-ло-тун | — — v — — | ♩ ♩ ♪ ♩ ♩ |
| | | ма-фо-ъи-ла-тун | v — v v — | ♪ ♩ ♪ ♪ ♩ |
| | | му-та-фо-ъи-лун | v v — v — | ♪ ♪ ♩ ♪ ♩ |
| | | муф-та-ъи-ло-тун | — v v — — | ♩ ♪ ♪ ♩ ♩ |
| | | фа-ъи-лӣ-йо-тун | v v — — — | ♪ ♪ ♩ ♩ ♩ |
| | | ма-фо-ъи-ло-тун | v — v — — | ♪ ♩ ♪ ♩ ♩ |
| 6. | 6 ҳиҷоӣ | му-та-фо-ъи-ло-тун | v v — v — — | ♪ ♪ ♩ ♪ ♩ ♩ |

– Анвоъи ҳиҷоҳои шеър (нимҳиҷо – кӯтоҳ, як ҳиҷо – дароз (баланд) ва якуним ҳиҷо – кашида); Ишораҳои шартӣ: 1. V ним ҳиҷо; 2. — як ҳиҷо; 3. —v (~) якуним ҳиҷо.

1. Таъсиси ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва дароз дар таносуби садонокҳои кӯтоҳ: а (я), у (ю), и :

а) ҳиҷоҳои кӯтоҳ: **(v)** 1) **'а**-гар, **'у**-фар, гул-**'и**-зор
2) **ра**-сид, **ку**-чо, **си**-тора

б) ҳиҷоҳои дароз: **(—)** 1) **'ар**-кон, **'уш**-тур, **'ир**-фон
2) **сар**-кор, **муф**-ти, **пин**-дор

в) ҳиҷоҳои кашида: **(—v, ё ~)** 1) **'аст, 'урф, 'ист**
(имтидод) 2) **даст, кист, бист**

2. Таъсиси ҳиҷоҳои дарозу кашида дар таносуби садонокҳои дароз: о (ё), ӯ, ӣ (е):

а) ҳиҷоҳои дароз: **(—)** 1) **ʻо-сон, ʻо-бод,**
2) **бо-шад, бӯ-сам, пе-шам**

б) ҳиҷоҳои кашида: **(—v, ё ~)** 1) **ʻоб, ʻёр, ʻош, ʻор**
(имтидод) 2) **бор, кор, чӯр, чиз**

в) ҳиҷоҳои кашида: **(—v(v),ё ~)** 1) **ʻорд, ʻёфт, ʻӯст**
(имтидод) 2) **бофт, дӯст, шефт**

– ритмики шеър ва таъсиси мизробҳои мусиқӣ, шеър ҳамчун баёнкунандаи зарби мусиқӣ, таносуби зарб ва вазн; мизроб ва шеър [Рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур)] :

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори руйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироки дӯстони пурхунар.
(Абӯ Абдуллоҳи Рӯдакӣ)

<table>
<tr><td>Ҳеҷ шо -дӣ нест ан-дар ин ҷа-ҳон<br>— v — —/ — v — — / — v ~<br>7/8 ♩‿♪ ♩ ♩ | ♩‿♪ ♩ ♩ | ♩ ♪ ♩ 𝄽 |<br>тон тан нан тон тан нан тан-на тин</td><td>Ҳеҷ тал -хӣ нест бар дил талх-тар<br>— v — — / — v — —/ — v —<br>7/8 ♩‿♪ ♩ ♩ | ♩‿♪ ♩ ♩ | ♩‿♪ ♩ 𝄽 |<br>тон тан нан тон тан нан тон тан</td></tr>
<tr><td>Бар-та-раз ди - до-ри рӯ - йи дӯс-тон.<br>— v — — / — v — — / — v ~<br>7/8 ♩ ♪ ♩ ♩ | ♩ ♪ ♩ ♩ | ♩‿♪ ♩ 𝄽 |<br>тан-на тан нан тан-на тан нан тон тин</td><td>Аз фи-ро - қи дӯс -то -ни пур-ху-нар.<br>— v — —/— v — — / — v —<br>7/8 ♩ ♪ ♩ ♩ | ♩‿♪ ♩ ♩ | ♩ ♪ ♩ 𝄽 |<br>тан-на тан нан тон тан нан тан-на тан</td></tr>
</table>

– Давоир ва адвори зарбӣ, мафҳум ва сохти давоир, таъсиси адвор ва авзони арӯз;
**Доираи зарбӣ: Солими Рамал - Муҷталиба (Мӯъталифа):** **<u>Даврҳои он:</u>**

Даври 1. Солими Рамал
— v — —
фо- ъи-ло - тун
тан-на тан-нан

Даври 2. Солими Ҳазаҷ
v — — —
ма-фо -ъӣ -лун
на-тан-нан тан

Даври 3. Солими Рукни 4.
— — — v
маф-ъӯ - ло -ту
тан-нан тан-на

Даври 4. Солими Раҷаз
— — v —
мус-таф-ъи-лун
нан-тан -на тан

– Усули номгузории адвори зарбӣ ва буҳури арӯз: унвони давр – солими Ҳазаҷ; унвони баҳр – Ҳазаҷи (мусаммани) солим.
– Фактураи зарбии назму мусиқӣ, таносуби шеър, вазн, зарб (мизроб) ва усул: усули ташаккули асосҳои сохтори фактураи назму мусиқӣ; анвоъи таносуб:

1. Дар матни мусиқӣ:

| Анвоъи таносуб | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| <u>Зарб</u><br>Усул | <u>Мизроб</u><br>Зарб | <u>Мизроб</u><br>Усул | <u>Мизроб</u><br><u>Зарб</u><br>Усул |

Мисол: таносуби мизроб ва зарб:

Мизроб: 6/8


нан тон та-нон нон нан тан-на та-нан

Зарб: 6/8


нан тан-на та-нан та-нан та-нан тан-на та-нан

2. Дар матни мусиқӣ ва шеър:

| Анвоъи таносуб | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| <u>Вазн</u><br><u>Зарб</u><br>усул | <u>Шеър</u><br><u>Вазн</u><br><u>Зарб</u><br>усул | <u>Шеър</u><br><u>Мизроб</u><br><u>Вазн</u><br><u>Зарб</u><br>Усул | <u>Вазн-шеър</u><br><u>Зарб-мизроб</u><br>Усул |

А) таносуби шеър, вазн,зарб ва усул:

Шеър: Ду чаш-мат мас -ту мах-му-раст, (Абдулазизи Кӯҳистонӣ)
Ду рух -со - рат пу-раз ну -раст.

Вазн: v — — — / v — — ~
ма-фо -ъӣ - лун ма-фо -ъӣ -лон

Зарб: 7/8


на-тан нан тан -на тан-нан тин

Усул: 7/8


бум-ба-бум-бак бум-ба-бум-бак бум

Б) таносуби шеър, вазн, мизроб ва усул:

(Ҷалолуддини Румӣ)

Шеър: а) Ишқ па-раст, эй пи-сар, ишқ ху-шаст, эй пи-сар
б) Рӯй ба ишқ о - ру бас, рӯй ба ос - мон ма-кун

Вазн: — v v — / v — v — / — v v — / v — v —
муф-та-ъи-лун / ма-фо -ъи-лун / муф-та-ъи-лун / ма-фо -ъи-лун

Мизроб: 6/8 

тон та-нон -нан та-нан тон та-нон -нан та-нан

Усул: 6/8 

бум-ба-ко-бак бум -ба- ко-бак бум-ба-ко-бак бум-ба- ко-бак

– Композитсияи зарбӣ, истҳои зарбӣ ва ташаккули баҳр ва авзони арӯз;
Доираи Муҷталиба (Мӯъталифа), даври солими Ҳазаҷ ва "ист"-ҳои зарбии он – ташаккули баҳри Ҳазаҷ ва анвоъи авзони он дар матни андозаи мусаддас:

| Садр ва ибтидо | Ҳ а ш в ҳ о | Арӯз ва зарб **(Истҳои зарбӣ)** |
|---|---|---|
| Солим<br>v — — —<br>ма-фо-ъӣ-лун | Солим<br>v — — —<br>ма-фо-ъӣ-лун | **1. Солим**<br>**v — — —**<br>**ма-фо-ъӣ-лун**<br><br>**2. Мусаббағ**<br>**v — — ~**<br>**ма-фо-ъӣ-лон**<br><br>**3. Маҳзуф**<br>**v — —**<br>**фа-ъӯ-лун**<br><br>**4. Мақсур**<br>**v — ~**<br>**ма-фо-ъӣл**<br><br>**5. Маҷбуб**<br>**v —**<br>**фа-ъал**<br><br>**6. Аҳтам**<br>**v ~**<br>**фа-ъӯл** |

Анвоъи истҳои зарбӣ дар матни давоири (баҳрҳои) аслӣ:

1. Доираи Мӯъталифа:

| Вофир | Комил | |
|---|---|---|
| 1. Солим<br>v — v v —<br>ма-фо-ъи-ла-тун | 1. Солим<br>v v — v —<br>му-та-фо-ъи-лун | 11. Музмари аҳазз<br>— —<br>фаъ-лун |
| 2. Музол<br>v — v v ~<br>ма-фо-ъи-ла-тон | 2. Музол<br>v v — v ~<br>му-та-фо-ъи-лон | 12. Музмари аҳаззи мусаббағ<br>— ~<br>фаъ-лон |
| 3. Маъсуб<br>v — — —<br>ма-фо-ъӣ-лун | 3. Мураффал<br>v v — v — —<br>му-та-фо-ъи-ло-тун | 13. Музмари аҳаззи маҳзуф<br>—<br>фаъ |
| 4. Маъсуби мусаббағ<br>v — — ~<br>ма-фо-ъӣ-лон | 4. Мураффали мусаббағ<br>v v — v — ~<br>му-та-фо-ъи-ло-тон | 14. Музмари аҳаззи максур<br>~<br>фоъ |
| 5. Мақтуф<br>v — —<br>фа-ъӯ-лун | 5. Музмар<br>— — v —<br>мус-таф-ъи-лун | |
| 6. Мақтуфи мусаббағ<br>v — ~<br>ма-фо-ъӣл | 6. Музмари музол<br>— — v ~<br>мус-таф-ъи-лон | |
| 7. Мақтуфи маҳзуф<br>v —<br>фа-ъал | 7. Музмари мураффал<br>— — v — —<br>мус-таф-ъи-ло-тун | |
| 8. Мақтуфи максур<br>v ~<br>фа-ъӯл | 8. Музмари мураффали мусаббағ<br>— — v — ~<br>мус-таф-ъи-ло-тон | |
| | 9. Аҳазз<br>v v —<br>фа-ъи-лун | |
| | 10. Аҳаззи мусаббағ<br>v v ~<br>фа-ъи-лон | |

2. Доираи Муҷталиба (Мӯъталифа):

| Ҳазаҷ | Рамал | Раҷаз |
|---|---|---|
| 1. Солим<br>v — — —<br>ма-фо-ъӣ-лун | 1. Солим<br>— v — —<br>фо-ъи-ло-тун | 1. Солим<br>— — v —<br>мус-таф-ъи-лун |
| 2. Мусаббағ<br>v — — ~<br>ма-фо-ъӣ-лон | 2. Мусаббағ<br>— v — ~<br>фо-ъи-ло-тон | 2. Музол<br>— — v ~<br>мус-таф-ъи-лон |
| 3. Маҳзуф<br>v — —<br>фа-ъӯ-лун | 3. Мувассаъ<br>— v — — —<br>фо-ъи-ли-йо-тун | 3. Мураффал<br>— — v — —<br>мус-таф-ъи-ло-тун |
| 4. Мақсур<br>v — ~<br>ма-фо-ъӣл | 4. Музаффо<br>— v — — ~<br>фо-ъи-ли-йо-тон | 4. Мутаввал<br>— — v — ~<br>мус-таф-ъи-ло-тон |
| 5. Маҷбуб<br>v —<br>фа-ъал | 5. Маҳзуф<br>— v —<br>фо-ъи-лун | 5. Аҳазз<br>— —<br>фаъ-лун |
| 6. Аҳтам<br>v ~<br>фа-ъӯл | 6. Мақсур<br>— v ~<br>фо-ъи-лон | 6. Аҳаззи мусаббағ<br>— ~<br>фаъ-лон |
